ФАРМОИШИ
РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

аз «07» 12 соли 2022 №213-09 ш. Душанбе

# ОИД БА ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ СЕССИЯИ ИМТИҲОНИИ ЗИМИСТОНАИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2022-2023 БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ШУЪБАИ РӮЗОНА

Мутобиқи талаботи "Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2016, №19/24)", "Тартиби қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2022, №06/8)" ва бо назардошти талаботи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Сессияи имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2022-2023 барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалавр ва мутахассис (ба истиснои ихтисосҳои дар банди 2-и фармоиши мазкур зикргардида)-и ихтисосҳои амалкунандаи факултетҳои донишгоҳ аз **26-уми декабри соли 2022 то 15-уми январи соли 2023** (ҳафтаҳои **18,19 ва 20-уми** соли таҳсили 2022-2023) муқаррар карда шавад.

2.Сессияи санҷишию имтиҳонӣ дар ихтисосҳои амалкунандаи факултети муштараки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо Муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Беларус (ДМТ ва МТОҶБ) бо назардошти талаботи нақшаи таълимӣ (ҳафтаҳои **18, 19 ва 20-уми** соли таҳсили 2022-2023) аз **26.12.2022 то 15.01.2023** ба нақша гирифта шавад.

3.Имтиҳонҳои ниҳоии сессияи имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2022-2023 барои магистрантҳои курси якум ва дуюми донишгоҳ тибқи талаботи нақшаҳои таълимӣ (ҳафтаҳои **17, 18-уми** соли таҳсили 2022-2023) **аз 26.12.2022 то 08.01.2023** муқаррар карда шавад.

4.Ҳафтаи 17-ум **(аз санаи 19.12.2022 то санаи 25.12.2022)** ҳамчун ҳафтаи омодагӣ ба имтиҳонҳои ниҳоӣ муқаррар карда шуда, қабули санҷишҳои мавҷудбудаи нақшаҳои таълимӣ (махсусан санҷишҳои ихтисосҳои факултетҳои тиббӣ, муштараки ДМТ ва МТОКБ,

санҷишҳои фанҳои тарбияи ҷисмонӣ, экология, мудофиаи шаҳрвандӣ ва корҳои курсии фаннӣ) дар ҳафтаи мазкур ба роҳ монда шаванд.

5.Дар сурати зиёд будани теъдоди фанҳои имтиҳонӣ дар нақшаҳои таълимии курсҳои 3-юм барои қабули имтиҳонҳои даври фаъол тибқи талаботи нақшаҳои таълимӣ (тасдиқи соли 2018, сессияи имтиҳонӣ 4 ҳафта) дар дохили ҳафтаи иловагӣ (триместр) қабули имтиҳонҳо иҷозат дода шавад.

6.Ҳафтаҳои **21 ва 22-юми** соли таҳсили 2022-2023 **аз 16.01.2023 то 29.01.2023** барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалавр, мутахассис ва зинаи таҳсилоти магистратура давраи таътили зимистона (барои донишҷӯёне, ки давраи фаъоли сессияи имтиҳониро бе қарзи академӣ бартараф намудаанд) ва ҳамзамон барои донишҷӯёни дорои қарзҳои академӣ (аз як то се фанни ҳатмӣ) ҳамчун ҳафтаҳои семестри иловагӣ (триместр) бо баргузории дарсҳои иловагӣ муқаррар карда шуда, қабули имтиҳонҳои такрорӣ (давраи ниҳоии имтиҳонҳо) дар дохили триместр (**аз 16.01.2023 то 29.01.2023**) ба роҳ монда шаванд.

7.Барои магистрони курси якум ва дуюми донишгоҳ аз **09.01.2023 то 15.01.2023** ҳамчун ҳафтаи баргузории корҳои илмӣ-таҳқиқотии магистр бо иштироки роҳбарони илмӣ дар назди кафедраҳои тахассусӣ муқаррар карда шавад.

8.Оғози нимсолаи баҳории соли таҳсили 2022-2023 барои донишҷӯёни шуъбаи рӯзонаи зинаи таҳсилоти бакалавр ва мутахассиси факултетҳои донишгоҳ (ба истиснои бандҳои 8.1,8.2,8.3-и фармоиши мазкур) рӯзи **30-юми январи соли 2023** (ҳафтаи 23-юм) муқаррар карда шавад.

8.1.Барои донишҷӯёни курси 3-юми ихтисосҳои (1-31030102-математика, 1-31040103-физика, 1-02050405-астрономия, 1-31050102-химия, 1-31010102-биология, 310101-03-биология (биотехнология), 1-21050100-филологияи тоҷик, 1-02030702-забони хориҷӣ (Хитоӣ. Информатика), 1-21050200-забон ва адабиёти рус, 1-21030101-таърих, 1-21030102-таърих (бостоншиносӣ), 1-23011301-таърихи архившиносӣ1-21020100-фалсафа, ва 1-23010400-психология **аз 30.01.2023 то 12.02.2023** (ҳафтаҳои 23 ва 24-ум) таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ ва оғози дарсҳо барои донишҷӯёни ихтисосҳои мазкур **аз 13.02.2023** (ҳафтаи 25-ум) муқаррар карда шаванд.

8.2.Барои магистрантҳои курси якум ва дуюми ихтисосҳои амалкунандаи донишгоҳ **аз 30.01.2023 то 26.02.2023** (ҳафтаҳои 23 то 26-ум) таҷрибаомӯзии илмӣ-омӯзгорӣ ва оғози машғулиятҳои дарсӣ барои магистрантҳои курси якуми ихтисосҳои амалкунандаи донишгоҳ **аз 27.02.2023;**

8.3.барои магистрантҳои курси 2-юм аз **27.02.2023 то 26.03.2023** (ҳафтаҳои 27 то 30-юм) таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ ва аз 27.03.2023 сафарбаркунӣ ҷиҳати иҷрои рисолаи магистрӣ ба муҳлати 10 ҳафта (ҳафтаҳои 31 то 40-ум) муқаррар карда шавад.

9.Қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ тибқи талаботи банди 79-и "Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2016, №19/24)" ва "Тартиби ва қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2022, №06/8)" дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, тестӣ ва омехта (бо истифода аз технологияи иттилоотӣ дар назди монитор ё дар шакли анъанавӣ) ва вобаста ба иҷрои мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.05.2022, №05(30) 05-624 бо таносуби 60 % дар шакли шифоҳӣ ва 40 % ба таври тестӣ ба роҳ монда шаванд.

10.Асоснок гардонидани шакли шифоҳӣ ва хаттии қабули имтиҳонҳо вобаста ба талаботи барномаи таълимии фан муайян карда шуда, бо қарори Шӯрои методии факултет ва Шӯрои илмию методии Донишгоҳ тасдиқ карда шавад.

11.Қабули имтиҳонҳо дар давоми сессияи имтиҳонӣ тибқи ҷадвали аз тарафи раёсати донишгоҳ тасдиқгардида мувофиқи махсусияти имтиҳонҳо дар ду давра, даври фаъоли сессия ва қабули имтиҳони даври дуюм дар ҳузури комиссияи имтиҳонӣ (бо иштироки намояндаи раёсати таълим, садорати факултет ва омӯзгори имтиҳонгиранда) ба роҳ монда шавад.

12.Сессияи санҷишӣ барои ихтисосҳои низоми таҳсилоти анъанавӣ, факултети муштарак, ки дар нақшаи таълимӣ қабули баъзе фанҳо шакли назорат-санҷиш муқаррар шудааст, мувофиқи ҷадвали тасдиқнамуда, дар мувофиқа бо раёсати таълим дар шакли шифоҳӣ ба таври анъанавӣ ба роҳ монда шаванд.

12.1.Дар сурати берун аз даври фаъол супоридани санҷишҳо ва ҳимояи корҳои курсӣ донишҷӯ баъди иштирок дар тирместр ва пардохти маблағи дарси иловагӣ (тирместр) барои супоридани санҷиш ва ҳимояи кори курсӣ роҳ дода шавад.

13.Вақти баргузории имтиҳонҳо ба таври тестӣ дар як рӯз се маротиба (соатҳои 09[00], 11[00] ва 14[00]) ва дар асоси ҷадвали алоҳидаи тасдиқгардида муқаррар карда шавад.

14.Натиҷаи азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фан аз ҷониби донишҷӯ дар шакли баҳогузории ҳуруфӣ бо истифода аз ҳарфҳои A (A, A-), B (B+, B, B-), C (C+, C, C-), D (D, D-) (F (Fx, F) ба дафтарчаи имтиҳонӣ гузошта намешавад) муайян карда шавад:

14.1.Ифодаи ҳуруфии баҳои донишҷӯ ва эквиваленти ададии он дар дафтарчаи имтиҳонӣ ҳатман аз ҷониби омӯзгори дарсдиҳанда ба таври зайл натиҷагирӣ карда шавад:

| Баҳо (ҳуруфӣ) | Ифодаи ададии | Холҳои бадастовардаи донишҷӯ | Ифодаи анъанавии баҳо |
|---|---|---|---|

| | баҳо | | |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | $95 \le A \le 100$ | Аъло |
| A- | 3,67 | $90 \le A- < 95$ | |
| B+ | 3,33 | $85 \le B+ < 90$ | Хуб |
| B | 3,0 | $80 \le B < 85$ | |
| B- | 2,67 | $75 \le B- < 80$ | |
| C+ | 2,33 | $70 \le C+ < 75$ | Қаноатбахш |
| C | 2,0 | $65 \le C < 70$ | |
| C- | 1,67 | $60 \le C- < 65$ | |
| D+ | 1,33 | $55 \le D+ < 60$ | |
| D | 1,0 | $50 \le D < 55$ | |
| Fx | 0 | $45 \le Fx < 50$ | Ғайриқаноатбахш |
| F | 0 | $0 \le F < 45$ | |

14.2.Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои донишҷӯён вақти муайяншуда барои супоридани имтиҳонҳои донишҷӯёни факултетҳои донишгоҳ, ки ба таври тестӣ бо истифода аз технологияи иттилотӣ-иртиботӣ тариқи компютерҳои шабакавӣ дар назди монитор баргузор мегарданд, ба тариқи зайл муқаррар карда шаванд:

14.2.1.барои фанҳои физика ва математикаи нақшаҳои таълимӣ 30 дақиқа;

14.2.2.барои дигар фанҳои нақшаи таълимӣ 25 дақиқа.

15.Бо мақсади таъмини фарогирии пурраи мундариҷаи барномаҳои таълимӣ бо саволномаҳои тестӣ, беҳдошти сифат дар ҷараёни қабули санҷишу имтиҳонҳо теъдоди саволҳо дар саволномаҳои тестӣ вобаста ба теъдоди соатҳои дарсии фанҳои таълимии марбут ба нақшаҳои амалкунандаи таълимӣ оид ба ихтисосҳои мувофиқи донишгоҳӣ ба таври зайл муқаррар карда шавад:

- барои 3 кредит (72 соат) бо назардошти кори мустақилонаи донишҷӯ-аз 300 (сесад) то 400 (чорсад) савол;
- барои 4 кредит (96 соат) бо назардошти кори мустақилонаи донишҷӯ-аз 400 (чорсад) то 500 (панҷсад) савол;
- барои 5 кредит (120 соат) бо назардошти кори мустақилонаи донишҷӯ -аз 500 (панҷсад) то 600 (шашсад) савол;
- барои зиёда аз 5 кредит (зиёда аз 120 соат)–на камтар аз 600 (шашсад) савол.

15.1.Сардори Маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ вазифадор карда шавад, ки талаботи мазкурро дар барномаи компютерии «Раванди таълим» ворид намуда, ҷараёни татбиқи онро таъмин ва риояи ҳатмии онро аз ҷониби операторони факултетҳо назорат намояд;

16.Бо мақсади назорати ҳаррӯзаи рафти сессияи имтиҳонии зимистона сарпарастони факултетҳо аз ҳисоби кормандони раёсат ва қисми таълими донишгоҳ таъйин карда шаванд.

17.Барои донишҷӯёни гурӯҳҳои буҷавии ихтисосҳои донишгоҳ, ки дар давраи фаъоли сессияи имтиҳонӣ **(26.12.2022-15.01.2023)** тамоми имтиҳонҳои фанниро бо муваффақият месупоранд, **то 25.01.2023** аз ҷониби садорати факултетҳо лоиҳаи фармоиши стипендия омода шуда, ба раёсати таълим пешниҳод карда шавад.

17.1.Ҳангоми пешниҳоди лоиҳаи фармоиши стипендияи гурӯҳҳои буҷавии донишгоҳ вобаста ба дараҷаи азхудкунии донишҷӯ андозаи стипендияи муқаррарӣ дар низоми таҳсилоти анъанавӣ ба таври зайл ба нақша гирифта шавад:

-ба донишҷӯёне, ки сессияи имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2022-2023-ро бо баҳои «аъло» ҷамъбаст намудаанд-373 сомониву 00 дирам дар як моҳ;

- ба донишҷӯёне, ки сессияи имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2022-2023-ро бо баҳои «хуб» ва «аъло» ҷамъбаст намудаанд-270 сомониву 00 дирам дар як моҳ;

-ба донишҷӯёне, ки сессияи имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2022-2023-ро бо баҳои «аъло», «хуб» ва «қаноатбахш» ҷамъбаст намудаанд, дар мавриде, ки миқдори баҳои «қаноатбахш»-и онҳо аз 25 % зиёд набошад-100 сомониву 00 дирам дар як моҳ:

17.2.Ҳангоми пешниҳоди лоиҳаи фармоиши стипендияи гурӯҳҳои буҷавии донишгоҳ вобаста ба дараҷаи азхудкунии донишҷӯ, дар сурати пурра ва бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои даври фаъол (бе қарзи академӣ) андозаи стипендияи муқаррарӣ аз натиҷаи GPA (тибқи талаботи низоми кредитии таҳсилот) ба таври зайл ба нақша гирифта шавад:

- ба дорандагони GPA-и аз 3,67 то 4,0-373 сомониву 00 дирам дар як моҳ;

- ба дорандагони GPA-и аз 2,67 то 3,66-270 сомониву 00 дирам дар як моҳ;

- ба дорандагони GPA-и аз 2,33 то 2,66-100 сомониву 00 дирам дар як моҳ:

17.3.Дар сурати аз як ё зиёда фанни таълимӣ қарзи академӣ доштан талаботи мазкур нисбат ба донишҷӯ татбиқ карда нашавад. Ҳангоми тариқи технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ супоридани санҷиш ва натиҷагирии он бо усули хол (бал) натиҷаи санҷиш ба GPA ва баҳои умумии андухтаи донишҷӯ бояд таъсир нарасонад.

17.4.Аз рӯи натиҷаи сессияи имтиҳонӣ вобаста ба талаботи «Низомномаи стипендияҳои номии ДМТ» **то 25.01.2023** рӯйхати номзадҳо барои гирифтани стипендияҳои номии донишгоҳ (бо қарори ҷаласаи Шӯрои олимон, пешниҳоди декани факултет, нусхаи дафтарчаи

имтиҳонӣ, маълумотномаи академӣ (транскрипт) ҷувздон ва варақаҳои шахсӣ) ба раёсати таълим пешниҳод карда шавад.

18.Ба раёсати таълим, садорат, мудирони кафедраҳои тахассусӣ, умумидонишгоҳӣ ва сардорони воҳидҳои сохторӣ супорида шавад:

18.1.Ҷиҳати муташаккилона ва бонизом гузаронидани сессияи имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2022-2023 вобаста ба талаботҳои "Тартиби ва қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2022, №06/8)" тадбирҳои амалӣ андешанд;

18.2.Раванди сессияи санҷишию имтиҳонии зимистонаро пурра зери назорат гирифта, ҳамарӯза ба раёсати донишгоҳ гузориш манзур намоянд;

18.3.Варақаҳои имтиҳониро дар як нусха (доир ба ҳар як фанни имтиҳонӣ, бо мавҷудияти натиҷаи рейтинги 1 ва 2 дар як варақа) омода сохта, ба омӯзгорони имтиҳонгиранда пешниҳод намоянд;

18.4.Қабули имтиҳонҳоро аз ҷониби комиссияе, ки ҳайати он бо фармоиши ректор тасдиқ карда шудааст, ба роҳ монанд:

18.5.Ба ҳайати комиссия омӯзгори кафедраи мувофиқ, омӯзгорони кафедраҳои дигари аз ҷиҳати мазмун наздик, ки ба донишҷӯёни ин гурӯҳ аз фанни мазкур дарс надодаанд, намояндагони раёсати таълим ва садорати факултет шомил намоянд;

18.6.ба ворид намудани тағйирот ба натиҷаҳои дар рейтингҳои 1 ва 2 бадастовардаи донишҷӯ дар давраи сессияи имтиҳонӣ роҳ надода, барои ворид намудани тағйирот ба варақаи имтиҳонӣ ва дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ дар асоси пешниҳоди садорати факултет ба омӯзгор ҷазои интизомӣ муқаррар намоянд;

18.7.дар сурати аз ҷониби омӯзгор ва ё шахси масъул ба иштибоҳ роҳ додан, саривақт ислоҳ ва ба садорати факултет пешниҳод накардани онҳо, ки боиси хориҷшавии донишҷӯ ё таъйин нагардидани стипендия мегардад, мутобиқи қонунгузории амалкунанда омӯзгорро ба гирифтани ҷазои интизомӣ пешниҳод намоянд;

18.8.назорати ҷамъбасти натиҷаи сессияи имтиҳониро аз ҷониби омӯзгор дар шакли баҳогузорӣ ба дафтарчаи имтиҳонӣ пурзӯр намуда, гузоштани ҳатмии теъдоди соатҳои умумии фанни омӯхташуда, баҳои донишҷӯ (дар шакли ҳуруф ё адад), таърихи рӯз ва имзои омӯзгорро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

19. Ба садорати факултетҳо супориш дода шавад:

19.1.Ҷадвали баргузории сессияи имтиҳониро омода намуда, барои мувофиқа ва тасдиқ ба раёсати таълим пешниҳод намоянд;

19.2.Тарзи беғалат пур кардани варақаҳои имтиҳонии сессияи санҷишию имтиҳонии зимистонаро таъмин ва назорат намоянд;

19.3.Масъалаи такроран супоридани имтиҳонҳои фаннӣ, аз ҷумла, дар сурати аз се ва зиёда фанҳо қарздор шудани донишҷӯёнро ба

инобат гирифта (агар донишҷӯ бо сабабҳои узрнок (бемори ва дигар сабабҳо) дар имтиҳонҳо иштирок карда натавониста бошад), онро дар мувофиқа бо муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва сардори раёсати таълим тибқи талаботи "Тартиби ва қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2022, №06/8)" ҳал намоянд;

19.4.Тибқи фармоиши дохилии декани факултет ситоди доимоамалкунандаи назди декани факултетро таъсис дода, назорати пайвастаи ҷараёни сессияи имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2022-2023-и садорати факултетро ба роҳ монанд:

- ба ҳайати ситоди доимоамалкунандаи назорати ҷараёни сессияи имтиҳонӣ декани факултет (раиси ситод), муовинони декани факултет (мушовири академӣ (эдвайзер), муовини раис), раиси Шурои методӣ, раиси кумитаи иттифоқи касабаи устодон ва кормандони факултет ва мудирони кафедраҳоро шомил намоянд;

- баъди ҷамъбасти имтиҳонҳои ҳаррӯза бо иштироки ҳайати ситод рафти имтиҳонҳои ҳамонрӯзаро натиҷагирӣ намуда, то соати 16 $^{00}$ ба муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим бо имзои раиси ситод (ҳатмӣ) гузориш пешниҳод намоянд;

- ҳангоми таҳияи гузориши ҳаррӯза бояд талаботи фармоиши мазкур таҳлил карда шуда, ҳамчунин ба гузориш маълумот дар шакли ҷадвали зайл низ бо имзои раиси ситод замима карда шавад:

*Намуна:*

| № | фанни имтиҳонӣ | курс | омӯзгори фаннӣ | теъдоди донишҷӯ | Натиҷа | | | %-и азхудкунӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | гирифт | ғоиб | ду (Ғ) | |
| 1 | физика | 2 | Саидов А. | 50 | 44 | 2 | 4 | 88 |
| 2 | З.тоҷикӣ | 1 | Назари М. | 16 | 14 | 1 | 1 | 87,5 |
| **Ҷамъ дар факултет** | | | | **66** | **58** | **3** | **5** | **87,8** |

19.5.Дар факултет ва кафедраҳо ҳангоми баргузории сессияи имтиҳонӣ навбатдорӣ ташкил намуда, иҷрои ҷадвали тасдиқшудаи навбатдории омӯзгорону кормандонро таъмин ва назорат намоянд;

19.6.Дар бинои таълимии факултет ошёна ва синфхонаҳои махсуси имтиҳонсупорӣ ташкил карда, аз ҷараёни баргузорӣ ва натиҷаи сессияи имтиҳонӣ ҳар рӯз ба раёсати таълим ахбор манзур намоянд;

19.7.Дар давраи сессияи имтиҳонӣ дар садорат ва кафедраҳои тахассусии факултет дафтари махсуси бақайдгирӣ кушода, рафти имтиҳонсупории донишҷӯён ва давомоти онҳоро дар ин дафтар дарҷ намоянд;

19.8.Барои саривақт ба садорати факултет супоридани варақаҳои имтиҳонӣ аз ҷониби омӯзгорон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд;

19.9.Баъди анҷоми сессияи имтиҳонӣ баҳои дафтарчаҳои имтиҳонии донишҷӯёнро бо варақаҳои имтиҳонии фаннӣ муқоиса намоянд;

19.10.Варақаҳои имтиҳониро баъд аз ҷамъбасти имтиҳонҳо ҳар рӯз то соати $16^{30}$ аз қайди шуъбаи бақайдгирӣ ва омор гузаронида, ба раёсати таълим супоранд;

19.11.Иштироки омӯзгори дарсдиҳанда, ёвар, намояндаи садорати факултет (декан, муовини декан ё мушовири академӣ) ва корманди раёсати таълимро ҳангоми баргузории имтиҳон таъмин намоянд;

19.12.Ба донишҷӯёне, ки дар давраи сессияи имтиҳонии фаъол баҳои Fx мегиранд, иҷозати дар триместр супоридани имтиҳони фанни мазкурро бе омӯзиши такрории фан ва бе пардохти маблағ диҳанд;

19.13.Ба такроран супоридани имтиҳон аз фанне, ки донишҷӯ дар сессияи имтиҳонӣ баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтааст, ҳангоми идомаи сессияи фаъол иҷозат надиҳанд;

19.14.Дар сурате ки донишҷӯ доир ба ин ва ё он фанни таълимии дар нақшаи таълимӣ пешбинишуда корҳои курсиро саривақт дифоъ накарда бошад, ӯро аз супоридани имтиҳони он фан маҳрум созанд;

19.15.Барои донишҷӯе ки аз натиҷаи имтиҳон қаноатманд нагаштааст, дар давоми як рӯз баъд аз анҷоми имтиҳон комиссияи апеллятсионӣ таъсис диҳанд. Дархости донишҷӯро дар асоси аризаи ӯ оид ба гузаронидани апеллятсия дар муддати 48 соат аз лаҳзаи эълон гардидани натиҷаи имтиҳони ниҳоӣ дар комиссияи апеллятсионие, ки тибқи фаромиши дохилии садорати факултет таъсис дода шудааст, аз ҷониби декани факултет ва аъзои комиссияи апеллятсионӣ бо иштироки намонядаи раёсати таълим ва омӯзгори фаннӣ мавриди баррасӣ қарор диҳанд;

19.16.Фосилаи байни имтиҳонҳоро дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ на камтар аз 1-2 рӯз ва ҷадвали имтиҳониро 2 ҳафта қабл аз оғози имтиҳонҳо мувофиқа ва тасдиқ намуда, мавриди таваҷҷӯҳи омӯзгорону донишҷӯён қарор диҳанд;

19.17.Донишҷӯёнеро, ки бесабабҳои узрнок дар машғулиятҳои дарсӣ мунтазам ширкат наварзидаанд, аз иштирок дар даври фаъоли сессияи имтиҳонӣ маҳрум сохта, дар варақаи имтиҳонӣ муқобили ному насабашон калимаи “беиҷозат”-ро қайд намоянд.

20.Мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ вазифадор карда шаванд:

20.1.Баргузории имтиҳонҳои фанҳои тахассусиро дар асоси ҷадвалҳои тасдиқшудаи сессияи имтиҳонӣ таъмин ва назорат намоянд;

20.2.Барои ташкил ва саривақт супоридани имтиҳонҳо (санҷиш)-и фанҳои кафедравӣ аз рӯи ҷадвалҳои тасдиқшудаи имтиҳонӣ аз ҷониби донишҷӯён таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, сабабҳои аз ҷониби донишҷӯён зоҳир шудани сатҳи пасти азхудкунии имтиҳонҳои кафедравиро омӯхта, дар ҷаласаи кафедра баррасӣ намоянд;

20.3.Ҷиҳати тағйир надодани рӯз, соат, макони баргузории машварат (консултатсия) ва имтиҳонҳо (санҷиш) аз ҷониби омӯзгорон, чораҳои қатъӣ андешанд;

20.4.Барои қабули имтиҳонҳои фаннӣ омӯзгороне, ки бо сабаби набудани имконият, беморӣ ва ё сабабҳои дигар дар имтиҳонҳо иштирок карда наметавонанд, дар мувофиқа бо декани факултет (барои кафедраҳои тахассусӣ) ва сардори раёсати таълим (барои кафедраҳои умумидонишгоҳӣ) фавран ҳузури омӯзгори дигарро дар мувофиқа бо мудири кафедра таъмин намоянд;

21.Сардорони раёсати таълим, маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ вазифадор карда шаванд:

21.1.Дар мӯҳлати муқарраршуда варақаҳои имтиҳониро оид ба санҷишу имтиҳони ҳар як гурӯҳи академӣ, курс ва ихтисос дар алоҳидагӣ таҳия ва бо тасдиқи раёсати донишгоҳ ба садорати факултетҳо ирсол намоянд;

21.2.Раванди сессияи имтиҳониро зери назорати қатъӣ гирифта, ҳамарӯза аз натиҷаи он ба муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим гузориш манзур намоянд;

21.3.Варақаҳои имтиҳониро ҳар рӯз аз назар гузаронида, натиҷаи онро аз рӯи барномаи махсуси раванди таълим дар шуъбаи бақайдгирӣ ва омор аз қайди компютерӣ гузаронанд;

21.4.Вазъи аз тарафи омӯзгорон саривақт, дуруст ва тибқи талаботи муқарраргардида қайд шудани натиҷаи санҷишу имтиҳонҳои фанниро дар варақаҳои имтиҳонӣ ва дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯён мунтазам назорат намоянд;

21.5. дар давраи фаъоли сессияи имтиҳонӣ **(26.12.2022-15.01.2023)** аз ҳисоби кормандони раёсати таълим ва маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ навбатдорӣ ташкил намуда, иҷрои онро таъмин намоянд.

22.Раёсати таълим, маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ, садорат ва мудирони кафедраҳои тахассусию умумидонишгоҳӣ ва мудирони сохторҳои таркибӣ вазифадор карда шаванд:

22.1.Фармоиши мазкурро ба самъи омӯзгорону кормандон ва донишҷӯён расонида, онро дар тахтаи эълонҳои факултет, кафедра ва сохтори таркибӣ насб намоянд;

22.2.Мазмун ва моҳияти "Тартиби ва қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2022, №06/8)" ва фармоиши мазкурро ба ҳайати омӯзгорону кормандон ва донишҷӯён сари вақт ва ба таври ҳатмӣ шарҳ диҳанд;

22.3.Мувофиқи талаботи "Тартиби ва қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2022, №06/8)” дар мувофиқаи ҳатмӣ бо гурӯҳҳои академӣ ҷадвали имтиҳонҳои сессияи зимистонаро таҳия ва мувофиқи тартиби муқаррargardида барои мувофиқа ва тасдиқ ба сардори раёсати таълим ва муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим пешниҳод намуда, саривақт ба маълумоти ҳайати омӯзгорону кормандон ва донишҷӯён расонанд;

22.4.Рафти супоридани имтиҳонҳоро дар сессияи имтиҳонии зимистона ба таври қатъӣ назорат карда, тартиби иҷрои ҷадвали имтиҳонотии сессияро таъмин намоянд;

22.5.Дар рафти сессияи имтиҳонӣ ба донишҷӯён барои пеш аз мухлат супоридани санҷишу имтиҳонҳо (бе ризоияти раёсат) иҷозат надиҳанд;

22.6.Мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» донишҷӯёнеро, ки дар давраи сессия бесабаб аз **3** ва зиёда фанҳои таълимӣ (аз санҷишу имтиҳонҳо) қарздор мегарданд (баъд аз санҷиши ҳаматарафа), то **25.01.2023** барои хориҷ намудан ба раёсати донишгоҳ пешниҳод намоянд.

23.Ба муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва сардори раёсати муҳосибот супориш дода шавад:

23.1.Синфхонаҳои таълимӣ, толорҳои дарстайёркунӣ, лабораторияҳои таълимиро ба сессия омода намуда, чараёни ба қувваи барқ, асбобу ашё ва лавозимоти зарурии таълимӣ таъмин намудани онҳоро назорат намоянд;

23.2.Раёсати таълим, маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ, бахши идоракунии сифати таҳсилот, садорати факултетҳо ва кафедраҳои умумидонишгоҳиро дар вақти баргузории сессияи имтиҳонии зимистона мунтазам бо ашё ва лавозимоти зарурӣ таъмин намоянд.

24.Директори китобхонаи илмӣ, сардори маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ вазифадор карда шаванд, ки кори мунтазами китобхонаҳо (филиалҳо), толорҳои дарстайёркунӣ, синфхонаҳои компютерӣ, марказҳои интернетӣ ва китобхонаҳои электрониро дар давраи сессияи имтиҳонии зимистона аз рӯи ҷадвали муайяншуда ташкил намоянд.

25.Муовини ректор оид ба тарбия вазифадор карда шавад, ки дар якҷоягӣ ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои муратабу бонизом гузаронидани ҷараёни сессияи имтиҳонии зимистона ва риояи тартиби навбатдорӣ дар факултетҳо бо раёсати таълим, садорати факултетҳо ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ҳамкорӣ намояд.

26.Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва сардори раёсати таълим барои амалӣ намудани фармоиши мазкур ва назорати баргузории сессияи имтиҳонии зимистона тадбирҳои амалӣ андешанд.

27.Ба кормандони раёсати таълими донишгоҳ супориш дода шавад, ки ҷараёни баргузории сессияи имтиҳонии зимистонаро дар факултетҳои ба онҳо вобасташуда мунтазам назорат карда, аз натиҷааш ҳамарӯза ба муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва сардори раёсати таълим ахбор манзур намоянд.

28.Ба мудири шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо супориш дода шавад, ки фармоиши мазкурро нусхабардорӣ намуда, ба садорати факултетҳо, кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ва сохторҳои таркибии донишгоҳ ирсол намояд.

29.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Н.Собирзода вогузор карда шавад.

Асос:Талаботи нақшаҳои таълимӣ ва "Тартиби ва қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2022, №06/8)"

Ректор Хушвахтзода Қ.Х.